## **Ҳисобот**
## оид ба арзёбии даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои андозию гумрукии пешбинишуда нисбат ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт

Дар шароити муосири рушди низоми молияи давлатӣ пардохтҳои андозӣ, боҷҳои гумрукӣ, фароҳам будани фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҳамоҳангии қонунгузории миллии соҳавии кишвар ба меъёру муқаррароти санадҳои байналмилалӣ ҳамчун масъалаи муҳими макроиқтисодӣ дар раванди амалӣ гардидани ислоҳоти бозоргонӣ дар Тоҷикистон нақши калидӣ дорад.

Пешбурди сиёсати устувор ва самарабахши андозбандӣ ба рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, омили асосии афзоиши ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва таъмин гардидани мувозинати буҷети давлатӣ мебошад.

Дар соли 2022 сарфи назар аз таҳаввулоти иқтисодии ҷаҳонӣ ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти миллӣ, бо татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин гардида, Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 115,7 млрд сомониро ташкил намуд. Дар ин радиф, ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои даромад маҷмӯан 36,3 млрд сомонӣ ворид гардида, воридоти андозию ғайриандозӣ 24,2 млрд сомониро ташкил намуд.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии андозсупорандагон ва васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои афзалиятнок, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани фонди музди меҳнат, беҳтар намудани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот ва ҷалби сармоя, инчунин дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҳалли мушкилиҳои хусусияти иҷтимоидошта дар қонунгузории миллӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешбинӣ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ мутобиқ ба талаботи қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор» ва созишномаҳои сармоягузорӣ, консессионӣ ва қарзӣ (грантӣ), инчунин дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ ё

ташкилотҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, пешбинӣ карда мешавад.

Дар ин замина, маблағи имтиёзҳои андозию гумрукии дар соли 2022 татбиқшуда ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба 12,7 млрд сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ММД 10,9 фоиз ва нисбат ба даромади умумии буҷети давлатӣ 34,9 фоизро ташкил намуд. Аз ҷумла, имтиёзи андозӣ 7,1 млрд сомонӣ ва имтиёзи гумрукӣ 5,6 млрд сомониро ташкил менамояд.

**Таносуби имтиёзҳои татбиқшуда дар соли 2022**




Аз як тараф имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишуда ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд.

Дар ин замина, бо мақсади ҷорӣ намудани мониторинги имтиёзҳои муқарраргардида тариқи пешбурди феҳристи дахлдор, муайян намудани тартиби пешниҳод ва методологияи арзёбии самаранокии имтиёзҳо, роҳандозии механизми ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба имтиёзҳои соҳавӣ, таъмини шаффофият ва назорати минбаъдаи самаранокии имтиёзҳои андозиву гумрукии пешниҳодшуда ва (ё) пешниҳодшаванда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ» аз 31 декабри соли 2020, №670 тасдиқ гардид.

Мутобиқ ба замимаи 1 қарори мазкур Феҳристи имтиёзҳои андозию гумрукии амалкунанда таҳия гардидааст, ки пайваста такмил дода мешавад (Феҳрист замима мегардад).

Дар Феҳристи имтиёзҳои андозию гумрукии таҳиягардида, маҷмуан 104 номгӯйи имтиёзҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда, пешбинӣ гардидааст, ки аз онҳо 77 адад дар доираи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 адад дар доираи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 адад тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор» ва 8 адад тибқи созишномаҳои сармоягузорӣ муқаррар шудааст.

Аз шумораи умумӣ дар тақсимоти идоравӣ 55 ададро имтиёзҳои андозӣ ва 49 ададро имтиёзҳои гумрукӣ ташкил медиҳад.

Тавсифи умумии имтиёзҳо нишон медиҳад, ки дар тақсимоти соҳавӣ ба бахши саноат 39 имтиёз, кишоварзӣ 14 имтиёз, энергетика – 10 имтиёз, нақлиёт 7 имтиёз, қарзӣ - молиявӣ 5 имтиёз, сайёҳӣ 3 имтиёз, тандурустӣ 3 имтиёз, сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт 13 имтиёз ва дигар соҳаҳо 10 имтиёз рост меояд.

**Диаграммаи**
**тақсимоти соҳавии имтиёзҳо**




Имтиёзҳои андозиву гумрукии дар ин давра татбиқшуда ба соҳаҳои саноат 3672,5 млн сомонӣ, қарзӣ – молиявӣ 1916,5 млн сомонӣ, кишоварзӣ 1469,6 млн сомонӣ, сайёҳӣ ва нақлиёт 698,1 млн сомонӣ, энергетика 682,3 млн сомонӣ, тандурустӣ 25,4 млн сомонӣ, маориф 19,8 млн сомонӣ ва дигар соҳаҳои мухталиф 2548,6 млн сомонӣ рост меояд.




Аз диаграммаи мазкур мушоҳида мегардад, ки қисме аз имтиёзҳои татбиқшуда, аз ҷумла нисбат ба сармоягузориҳои давлатӣ ва кумакҳои башардӯстона, объектҳои махсусан муҳим ва корхонаҳои давлатӣ харочоти алтернативии буҷети давлатӣ маҳсуб ёфта, сарбории маблағгузории соҳаҳои мазкурро аз ҳисоби буҷети давлатӣ коҳиш медиҳад.

Новобаста аз он ки татбиқи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ харочоти буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад, дар навбати худ боздеҳии он барои зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ дар солҳои минбаъда заминагузор мебошад.